**«Тасдиқ мекунам»**
Директори МДТ "Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд"
н.и.и., дотсент ________ Ҷализода А.А.
«__02__» ______07______ 2026с.

ХУЛОСАИ

кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд"

Диссертатсияи унвонҷӯ Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд»" дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд" омода гардидааст. Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия ва айни ҳол Набизода Маҳфуза Раҳмат дар МД "Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба ҳайси директори коллеҷ, ҳамзамон унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд" фаъолият менамояд.

Набизода Маҳфуза Раҳмат соли 2006 МДТ "Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро"-ро аз рӯи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо" хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 03.09.2019, № 45 (таърих ва фалсафаи илм), дар МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд" ва 03.09.2019, №50 (забони англисӣ), 25.05.2025 № 35 (ихтисоси Иқтисодиёт ва

идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият) аз тарафи МД Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст.

Мавзуи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон" аз таърихи 03.01.2018, протоколи № 5 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ Асрорзода Убайдулло Саттор – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи номзадӣ дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд" чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Баҳодиҳии мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Диссертатсияи Маҳфуза Набизода актуалӣ буда, кори мустақилонаи илмӣ-таҳқиқотии муаллиф ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби унвонҷӯ ба таври мустақилона воқеияти мавзуъ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. Ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият амалӣ шуданд, боиси ташаккули иқтисоди бозорӣ ва дигаргунии куллии тамоми соҳаҳои фаъолият гардид. Гузариш ба шаклҳои бозории хоҷагидорӣ, тағйиротҳо дар афкори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаро низ ба миён оварда, дар фаъолияти кулли субъектҳои хоҷагидорӣ, аз он ҷумла дар низоми инфрасохтори иҷтимоӣ инъикос гардид.

Боиси таъкид аст, ки дар давраи оғози соҳибистиқлолӣ вазъи иҷтимоию иқтисодии бештари хонаводаҳои ватанӣ на танҳо бо сабаби гузариш ба иқтисоди бозорӣ, инчунин бо ҷанги шаҳрвандие, ки ҷумҳуриро солҳои 1991-1997 фарогир гирифта буд хело душвортар гардонид. Зеро, дар натиҷаи ҷанги хонумонсӯз аксари оилаҳо саробони худро аз даст дода, камбизоат гардиданд ва занҳо, ки тибқи анъанаҳои миллӣ бештар бо нигоҳубини хона ва кӯдаконро дар уҳда доштанд, бе

малака ва маълумоти мувофиқ маҷбур шуданд, ки вазифаи таъмин намудани оиларо бо маблағи зиндагӣ низ пурра ба уҳдаи худ гиранд.

Дар шароити муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар минтақаҳои он, шуғли занон яке аз самтҳои таваҷҷуҳ зоҳиршавандаи шуғл ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар кишвар рушди мусбати иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мушоҳида шуда, барои таъмини шуғли пурраи аҳолӣ шароити хело мусоид фароҳам оварда шуда бошад ҳам, ҳоло ҳам дар самти шуғли занон вазъияти ғайриқаноатбахш мушоҳида мегардад. Ин пеш аз ҳама аз фаъолиятҳое вобаста аст, ки касбият, дониш ва маҳоратро талаб мекунанд. Муносибатҳои меҳнатӣ дар самти таълиму шуғл дар асоси ба инобат гирифтани вазъи иҷтимоии онҳо, ақидаҳо, анъанаҳои халқӣ ва ғайраҳо бояд бо тарзи доимӣ такмил дода шавад.

Дар воқеъ солҳои охир, асосан аз оғози ҳазорсолаи нав, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли муаммоҳои шуғли занон, баланд бардоштани вазъи иҷтимоии онҳо дар ҷомеа, ҳалли муаммоҳои нобаробарии гендерӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки зиёдтари нерӯ ва иқтидори занҳо дар рушди ҷомеа таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Аз ҷумла, дар Паёмҳои ҳамасола, суханронӣ ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеаи муосир ба таври алоҳида таъкид мегарданд.

Чи хеле ки таҷрибаи кишварҳои пешқадам нишон медиҳад, мушкилоти шуғли таъмини занон тавассути амалигардонии механизмҳои соҳибкорӣ ва ҷалби занон ба бизнеси хурду миёна ҳалли худро ёфта метавонад. Ба андешаи як қатор олимони соҳа ва иқтисоддон, аз ҷумла мутахассисони созмонҳои молиявии байналмилалӣ, соҳибкорӣ ин фишанги муҳими шуғли занон аст.

Соҳибкории хурду миёна вактҳои охир бештар ба як соҳаи фаъолияти занон табдил ёфтааст. Ин ақидаро мутахассисони Созмони байналмилалии меҳнат ва Иттиҳоди Аврупо ҳам баён намудаанд.

Дар марҳалаи муосири рушди иҷтимоию иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳалли мушкилоти шуғли занон хеле мубрам буда дар тамоми кишвар ва минтақаҳои он бо сабаби боқӣ мондани анъанаҳои миллии давраҳои қаблӣ (тошуравӣ ва шуравӣ), нокифоя будани тахассуси занон, барвакт оиладор шудан, серфарзандӣ ва ё бо сабаби безурётии онҳо қувваи кории занон дар бозори меҳнати миллӣ талаботи на он қадар зиёд дорад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин, оқибатҳои манфии иҷтимоиро пурзӯр гардонида, сафи бекоронро дар байни занон афзоиш медиҳад. Тибқи маълумоти расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол аз се ду ҳиссаи бекоронро занони синну соли қобилияти корӣ дошта, ташкил медиҳанд.

2. **Иштироки шахсии муаллиф дар чараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баёншуда.** Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф баргузор шудаанд. Дурустӣ ва асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот тавассути асосноксозии методикаи таҳқиқ, пешниҳоди додаҳои таҷрибавӣ, ки дурустии фарзияҳои ироашуда ва тасвиби натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

3. **Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Дар рафти таълифи диссертатсия ва асоснок сохтани муқаррароти илмӣ усулҳои мухталиф, аз ҷумла усулҳои таҳлили қиёсӣ, вазъиятӣ, мантиқӣ, диалектикӣ, ҳамчунин усулҳои иктисодию математикӣ ва омории таҳқиқот мавриди истифода қарор гирифтаанд.

4. **Навгонии илмии таҳқиқот** аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба дастгирӣ ва густариши

соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навгониҳои илмиро ифода мекунанд, инҳоянд:

1) Дар асоси таҳқиқи таҳаввулоти назариявӣ-методологии соҳибкории занон, мазмуни иқтисодии ин мафҳуми иқтисодӣ муайян карда шудааст, ки тибқи он соҳибкории занон ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар асоси ташаббус, масъулият ва таваккали иқтисодии занон дар раванди ташкили фаъолияти соҳибкорӣ барои ба даст овардани фоида, худтатбиқнамоӣ ва таъмини мустақилияти иқтисодии онҳо дар ҷомеа ташаккул меёбад, тавсиф дода шудааст.

2) Заминаҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккул ва рушди соҳибкории занон дар шароити иқтисодиёти муосир асоснок карда шудаанд, ки маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва психологиро дар бар гирифта, нақши соҳибкориро ҳамчун самти афзалиятноки таъмини шуғли занон ва баланд бардоштани иштироки иқтисодии онҳо дар рушди минтақа муайян менамоянд.

3) Дар асоси таҳлили комплексии оморӣ ва иқтисодӣ вазъи муосир, тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди шуғли занон дар вилояти Суғд муайян ва аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ карда шудаанд, ки вобастагии баланди шуғли занон аз соҳаи кишоварзӣ, таъсири муҳоҷирати меҳнатии мардон, сатҳи нокифояи тахассуси касбӣ ва густариши шуғли ғайрирасмиро ҳамчун омилҳои асосии маҳдудкунандаи рушди соҳибкории занон ошкор менамоянд.

4) Маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон дар вилояти Суғд муайян ва илмӣ асоснок гардида, дар ин замина тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии соҳибкории занон пешниҳод шудаанд, ки ба густариши дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани

саводнокии иқтисодӣ ва рақамӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва истифодаи технологияҳои муосир равона карда шудаанд.

**Мақсади ва вазифаҳои таҳқиқ** аз ғанӣ гардонидани муқаррароти илмӣ-назариявии рушди соҳибкорӣ ҳамчун низоми муосир дар баланд бардоштани сатҳи шуғли занон, инчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмил ва густариши шуғли занон тавассути ниҳоди соҳибкорӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадаф ва ифшои мубрамияти мавзӯъ ба андешаи мо, иҷрои чунин вазифаҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1) Таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва институтсионалии шуғл ва соҳибкории занон дар илми иқтисод;

2) Таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди шуғл ва соҳибкории занон дар вилояти Суғд;

3) Муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории занон ва асоснокккунии илмии роҳҳои идоракунии он;

4) Таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба рушди соҳибкории занон ва таҳкими таъминоти молиявии он дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** дар омӯзиш ва таҳлили амиқи тамоюлҳои рушди шуғли занон ва соҳаи соҳибкории занон дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муайян кардани омилҳои рушди соҳибкории занон дар сатҳи минтақа ифода меёбад.

**Ахаммияти амалии таҳкикот** аз он иборат аст, ки тавсияҳои илмию амалии дар диссертатсия пешниходшударо вазорату идораҳо, аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ташкилотҳои молиявӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии рушд ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа, баланд бардоштани шуғли занон, фаъол гардонидани занон дар соҳаи соҳибкорӣ, инчунин мутобиқгардонии фаъолияти занон дар шароити муосир нигаронида

шудаанд, метавонанд самаранок истифода баранд. Интишороти муаллиф ва маводи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълими курсҳои махсуси фанҳои тахассусӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2–иқтисодиёт (5.2.13–иқтисодиёти соҳибкорӣ): Банди 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; Банди 3. қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; Банди 5. Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ; Банди 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ, миқёси фаъолият: намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолот, тиҷорат, молиявӣ ва ғайра); Банди 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, мутобиқат менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуҳои илмӣ.** Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ ба барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи дастгирии соҳибкории дохилӣ, инчунин «Барномаи рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқ аст.

Инчунин, рисолаи диссертатсионӣ бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии самти дастгирии шуғлнокии занон пайваста мебошад. Алалхусус, бо қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021 таҳти рақами №5 “Оид ба грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон дар солҳои 2021-2025”, қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 таҳти рақами №167 “Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030”, мебошад.

**Инъикоси маводҳои рисола дар корҳои чопшудаи муаллиф:**

Муқарраroти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар иншороти муаллиф ва маърӯзаҳои ӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, конфронсҳои илмии ҳамасолаи донишгоҳиву донишкадаӣ, инчунин форуми байналмилалӣ ба нашр расидааст.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия чопшуда инъикос ёфтаанд.

[1-М]. Набиджанова М.Р. Особенности развития малого бизнеса в республике Таджикистан в условиях кризиса [Текст]// М.Р. Набиджанова // Журнал правовых и экономических исследований. –Питер, 2018.-№2.-с. 200-205;

[2-М]. Набиджанова М.Р. Институциональные основы регулирования занятности женщин в условиях рынка [Текст]// М.Р. Набиджанова //Гузоришҳои академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - №4(74).-с.85-91;

[3-М]. Набиҷонова М.Р. Соҳибкорӣ ҳамчун шакли шуғли занон [Текст]/ М.Р. Набиҷонова// “Осиё ва Аврупо” Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – Душанбе,2023 №1(13). – с. 156-163;

[4-М]. Набизода М.Р. ҷанбаҳои институтсионалии рушди соҳибкории занон дар минтақа [Текст]/ М.Р. Набизода // “Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо” Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.- Душанбе, 2026.- №1(9).-с. 297-310;

[5-М]. Набизода М.Р. Государственная стратегия по привлечению женщин к трудовой деятельности в условиях республики Таджикистана

[Текст]/ М.Р. Набизода // “Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав”.- Бохтар, 2026.- №1-2(147).-с. 236-244.

**Мақолаҳои илмие, ки дар як қатор конфронсҳои илмӣ-амалӣ, форумҳои байналмилалӣ, ва минтақавӣ баён гардидааст:**

[6-М]. Шаклҳои шуғли занон ва накши соҳибкорӣ дар низоми мазкур. Форуми илмию амалии байналмилалӣ: Масъалаҳои таъмини рушди устувори сайёҳиву соҳибкорӣ ва иқтисоди сабз. Душанбе: ДБССТ, -2025. №1-2 с.147;

[7-М].Организационно-экономические проблемы развития женского предпринимательства в регионе. Конфронси байналмилалии байнисоҳавӣ: самтҳои муосири илм, инноватсия ва рушди устувор дар шароити таҳаввулоти ҷаҳонӣ. Душанбе: ДБССТ, апрел 2026.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Набизода Махфуза Раҳмат дар мавзуи “Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои самтҳои фаъолият (08.00.06.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ), такризҳои муқарризони расмӣ Шокиров.Р.С. - доктори илмҳои иқтисодӣ, проффессори кафедраи молия ва қарзи МД “Донишкадаи байналмилаии Хуҷанд”-и ДБССТ, Игамназаров Н.И. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва хулосаи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ Асрорзода Убайдулло Саттор ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Набизода Махфуза Раҳмат дар мавзуи “Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2– иқтисодиёт (5.2.13 – иқтисодиёти соҳибкорӣ), ба талаботи КОА мувофиқат мекунад.

3. Кори диссертатсияи Набизода Махфуза Раҳмат дар мавзуи “Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд”

ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - иқтисодиёт (5.2.13 - иқтисодиёти соҳибкорӣ), ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 27 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 15- нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи Иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон протоколи № 11.1 аз «02» 07 соли 2026 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории
МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд”, н.и.и., дотсент ________ Каримова И.И.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими калони кафедраи иқтисодиёт
ва соҳибкории МДТ “Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд”, ________ Ҷӯраева Н.А.

Имзоҳои **Каримова И. И. ва Ҷӯраева Н.А.**-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” ________ Усмонзода Ш.М.

Ҷ.М. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 169, тел:+992 (3422) 6-03-21, почтаи электронӣ: info@iet.tj